# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «22» 10 соли 2025 № 386/бд ш. Душанбе

Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани диссертатсияи
Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 108 ва 117 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидаанд, ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Диссертатсияи Тағоймуродзода Санифа Тағоймурод дар мавзуи «Ономастикаи “Таърихи Систон” (баррасии луғавӣ ва сохторӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ бо хоҳиши худаш аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бекор карда шавад.

2. Ҳимояи такрории диссертатсияи Тағоймуродзода С.Т. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Вализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Тағоймуродзода С.Т. аз 22 октябри соли 2025 ва хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ аз 22 октябри соли 2025, №232.

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ